800800

ГУЛНАЗАР

# Борони бесаранҷом





*Бачагони азиз!*

*Шумо субҳи рӯзгори моед. Бо шумо ҳаргиз шоми зиндагии мо фаро нахоҳад расид.*

*Гулназаров*

## ГУЛНАЗАР

# Борони бесаранҷом



Государственная
респуб. б-ка Тад.ССР
Фирдоуси
200800
Тоҷик 2

ТҒД ИСТИҚБОЛ - 2004



## ЛОЛАЗОР

Деҳаи мо Лолазор,
Аз лола пур ҳар канор.
Аз лола пур кӯҳу дашт,
Аз лола пур марғузор.
Ҳатто бароянд лола
Ба рӯйи бому девор.
Деҳа чу гулхан шавад
Аз лолаи бешумор.
Ба сари кокул занем
Лолаи боғи баҳор.
Дар васфи лола хонем
Таронаҳои бисёр.
Номи ман ҳам Лола аст,
Номи дигар чӣ даркор?

# ФАСЛИ БАҲОР – ҶОНОНА

Абри баҳорон омад,
Бо барқу борон омад.
Тундар тарона сар кард,
Кӯҳро ба ларза овард.
Чашма зи нав ҷавон шуд,
Таронааш равон шуд.
Лаб-лаби ҷӯ шабона
Сабза хест бо тарона.
Сар кард пагоҳӣ барра
Таронаҳои сара.
Ғунча лабашро во кард,
Таронаро расо кард.
Булбул чу нағмагар шуд,
Таронагӯӣ сар шуд.
Фасли баҳор – ҷонона,
Ҳама хонад тарона!





# МЕҲМОН

Меҳмони боғчаи мо
Шуд бобои Миршакар.
Як пора кӯҳи Помир
Гӯё даромад аз дар.

Мӯҳои песабарфаш
Чун барфи тораи кӯҳ.
Бо қомати баландаш
Чун қуллаҳо пуршукӯҳ.

Чашмони ӯ меҳрубон,
Лабонаш пуртабассум.
Вақте ки шеър
мехонад,
Дили кас мезанад гум.

Суханҳои ӯ ширин,
Мисли қанду шакалод.
Бо шеъри ӯ кардаем
Номи Ватанро аз ёд.

Саф баста дар як қатор
Ману Азизу Қамар,
Хондем шеъри худро
Аз бобои Миршакар:

–Ман калон мешавам.
Қаҳрамон мешавам,
Бар Ватани худам
Посбон мешавам!

# БОҒЧАИ МО

Пур аз Назокат,
Пур аз Диловар,
Пур аз Муҳаббат,
Пур аз Санавбар –

Ин боғчаи мо,
Ин боғчаи мо.

Як сӯ шукуфта
Садбаргу лола,
Як сӯ табассум
Дар рӯйи хола–

Ин боғчаи мо,
Ин боғчаи мо.

Пур-пур зи шодӣ,
Пур-пур зи бозӣ,
Аз дӯстдорӣ,
Аз сарфарозӣ –

Ин боғчаи мо,
Ин боғчаи мо!





## ДУ БИБИЮ ДУ БОБО

Ман дута бобо дорам,
Бибӣ ҳам дуто дорам.
Риши як бобом сара,
Ришаш мисли шаршара.
Як бобом айнак дорад,
Дар хона лаклак дорад.
Як бибиам мӯсафед,
Нозук чу химчаи бед.
Як бибиам хол дорад,
Рӯймолаки шол дорад.
Ду бобо меҳмони ман,
Ду бибӣ даврони ман.
Ду бобо дар бари ман,
Ду бибӣ дар сари ман.
Ду бибию ду бобо –
Бубин ту бахти маро!

## ШАШ ДУХТАР

Дар синфи мо шаш духтар,
Шаш духтари гулбасар,
Шаш духтари чилкокул,
Шаш духтари мисли гул.
Номи якум – Адолат,
Номи дуввум – Латофат,
Номи саввум – Ибодат,
Номи чорум – Фароғат,
Номи панҷум – Башорат,
Номи шашум – Орифат.
«А» гиред аз Адолат,
«Л» гиред аз Латофат,
«И» гиред аз Ибодат,
«Ф» гиред аз Фароғат,
«Б» гиред аз Башорат,
«О» гиред аз Орифат.
Агар ҷамъ оред як ҷо
Аввали номи онҳо,
Номи шаш духтари мо
Мешавад як АЛИФБО.





## НОВАРДОН

Рафт ҳамраҳи тобистон
Хомӯшии новардон.
Аз гулӯяш ин саҳар
Равон шуд оби борон.

Таблак занад пушти бом
Борони бесаранҷом.
Карнай кашад навардон,
Карнай кашад чу бобом.

Ҳой – ҳойи карнайро бин,
Садои карнайро бин.
Равшан шавад дили ман,
Сафои карнайро бин.

Новардон, ҳо новардон,
Карнайнавози нодон,
Овози худ кун баланд,
Ҳолӣ мемонад борон!

## ҚАЛАМ

Қалам кардам пари ғоз,
Бурдам ба рӯйи коғаз.
Менависад: ға, ға, ға,
Ға-зал, ға-лаба, ға-раз.

Дар дасти ман шуд қалам
Пари булбули хушхон.
Менависад: ча, ча, ча,
Ча-на, ча-потӣ, ча-пон.

Қалам кардам пари зоғ,
Бурдам ба рӯйи дафтар.
Менависад: қа, қа, қа,
Қа-лам, қа-дам, Қа-ландар.

Қалам гирифтам дирӯз
Аз шохагули бодом.
Менависад гулу гул,
Гул-баҳору Гул-андом.








## ШИРИН

Асал талх аст ё ширин?
Асал ҳама ҷо ширин!
Тути марворид – ширин,
Бодому санҷид – ширин.
Олуву тарбуз – ширин,
Шири гову буз – ширин.
Ширин бувад қандолот,
Ҳам парварда, ҳам набот.
Нинии мо ҳам ширин,
Зеро ки номаш... Ширин!

Гулназар
«Борони бесаранҷом»
(маҷмӯаи шеърҳо барои хурдсолон)

Муассис ва мушовир Латофат Кенҷаева
Муҳаррир Юсуфҷон Аҳмадзода
Мусаввир Абдусалом Абдуллоев
Мусаҳҳеҳ Ганҷина Муллоҷонова
Ҳуруфчинӣ ва саҳифабандии Комрон Музаффаров

Ба матбаа 25.XII.2004с. супорида шуд. Таърихи имзои чоп 27.XII.2004с. Андозаи 60x84 1/8 Қоғази офсет №1. Муқовааш табошир. Ҷузъи чопии шартию ҳисобӣ 1,5. Ада... нашр 1000.

ш. Душан... 16.
Дар нашри... ...хаш

200800
Китобхонаи миллии Тоҷикистон